**Тақризи**

***Номзади илмҳои сотсиологӣ, муаллими калон, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи ДМТ Шоев Неъматҷон Султонович ба автореферати диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи «Модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)***

Яке аз падидаҳои оилавие, ки солҳои охир дар Тоҷикистон ботадриҷ паҳн мегардад, зиёд шудани шумораи модарони танҳо ва оилаҳои нопурра мебошад. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар сурати қатъ гардидани ақди никоҳ фарзанд ё фарзандон ба тарбияи модарони танҳо мемонанд ва оилаи нопурра пайдо мегардад. Пайдоиши оилаҳои нопурра ба дигар омилҳои иҷтимоӣ низ алоқамандӣ дорад, аммо дар ҳама ҳолат меҳвари асосии оилаҳои нопурраро асосан модарони танҳо ва фарзандони онҳо ташкил медиҳанд. Аксарияти модарони танҳо, ки занҳои ҷавон ҳастанд, пас аз ҷудо шудан аз шавҳарони худ таҷрибаи кофии ҳаёти мустақилона, малакаҳои тарбияи фарзандон ва касбу ҳунар надоранд, ҳуқуқу озодиҳо ва имтиёзҳои қонунии хешро намедонанд. Бо ин сабабҳо, онҳо ба шароити нави ҳаёти худ зуд мутобиқ шуда натавониста, ба ҳолати ногувори равонӣ ва вазъи мушкили ҳаётӣ гирифтор мегарданд.

Ғайр аз ин, модарони танҳо дар оилаҳои нопурра ба як қатор масъалаҳои мураккаб рӯ ба рӯ мегарданд, онҳо маҷбуранд, ки дар танҳоӣ масъулияти таълиму тарбияи фарзандонро ба уҳдаи худ гиранд, ҳамзамон барои таъминоти иқтисодии оила ва фарзандон баробари

мардон ба кори берун аз оила машғул шаванд. Албатта, баъзе аз модарони танҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолият ба бомуваффақиятҳои назаррас ноил мегарданд, ба дастоварҳои шахсию касбӣ мерасанд, барои фарзандони худ шароитҳои мусоиди таълиму тарбия ва рушдро муҳайё мегардонанд, аммо бештари вақти модарони танҳо ба кори берун аз оила мегузарад, ки дар натиҷа фарзандон аз назорат ва тарбияи доимӣ дур мемонанд.

Мубрамияти мавзуи диссертатсияи Элмуродова Д.А. Дар он зоҳир мешавад, ки Тағйироти ҷомеа ва паҳншавии арзишҳои ҷаҳонишавӣ боиси пайдоиши муносибатҳои нави оилавӣ гардида, ба сохтори анъанавии оила ҳамчун институти иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар муносибатҳои оилавӣ баробари дигаргуниҳои мусбат боз як қатор падидаҳои номатлуби оилавӣ, мисли паҳнгардии арзишҳо ва фарҳанги бегона, афзоиши босуръати ҳолатҳои қатъ гаштани ақди никоҳҳо ва ҷудошавии ҳамсарон, качрафториҳо дар байни аъзоёни оила, заиф гардидани неруи иҷтимоикунонии оила, зиёд шудани шумораи оилаҳои нопурра ва модарони танҳо ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷониби довталаб, ***барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниходҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)*** Элмуродова Д. А. интихоб шудани мавзуи ***Модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон***, ки мавзуи ҷиддӣ ва мураккаб мебошад, аз масъулияти баланд ва ҷасорати илмии муаллиф шаҳодат медиҳад.

Муаллиф дар назди худ мақсад гузоштааст, ки моҳияти модарӣ нопурра, сабабҳои пайдоиш, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои бартараф намудани оқибатҳои манфии ин зуҳуроти ҷомеаи муосири Тоҷикистонро

мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор диҳад. Муаллиф барои расидан ба ҳадафи худ якчанд вазифаҳоро ба нақша гирифта, иҷро намудааст ва аз таҳқиқотҳои маъруфтарин донишмандони хориҷию ватанӣ ва маводи зиёди илмию соҳавӣ истифода бурдааст.

Дар диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна масъалаҳои хусусиятҳои зуҳуроти модарӣ нопурра дар ҷомеаи муосир, зуҳуроти модарӣ нопурра ва нишонаҳои асосии он бо назардошти ҳолати сохтори иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон, сабабҳои пайдоиши зуҳуроти модарӣ нопурра, оқибатҳои иҷтимоӣ ва ҷанбаҳои мусбату манфии ин зуҳурот, роҳҳои коҳиш додани сатҳи модарӣ нопурра ва механизмҳои пешигиринамоии модарӣ нопурра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу баррасӣ гардидаанд. Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мазмун, моҳият ва хулосаҳои фишурдаи диссертатсияро дар бар мегиранд.

Саҳми шахсии диссертант аз он иборат аст, ки шахсан дар тадқиқоти сотсиологӣ иштирок намуда, натиҷаҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар якчанд конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ маърӯза намуда, дар мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст. Навгониҳои диссертатсия ба натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологии гузаронидаи муаллиф алоқамандии зич дорад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Элмуродова Д. А. барои омӯзиши минбаъдаи зуҳуроти модарӣ нопурра ҳамчун манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ баромад карда метавонанд.

Автореферати диссертант Элмуродова Д.А, фишурдаи таҳқиқоти илмии тахассусиест, ки аз рӯйи маводи диссертатсия тартиб дода шудааст. Он мазмун, моҳият ва нуктаҳои асосии ҳимояшавандаи тадқиқоти диссертатсиониро бе тафсилоти кофӣ инъикос намуда, муҳтаво ва

хулосаҳои умумии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, инчунин тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои онро пешниҳод менамояд. Мавзуъ ва муҳтавои автореферат ба ихтисос ва соҳаи тадқиқоти 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия тибқи Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо ба расмият даровардa шуда, натиҷаҳои асосии диссертатсия, саҳми муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда, дараҷаи навгонӣ, аҳамияти амалии таҳқиқоти анҷомёфта ва феҳристи асарҳои чопшудаи довталабро инъикос менамояд. Аннотатсияи автореферат ба забонҳои давлатӣ, русӣ, англисӣ ва ҳаҷму сохтори автореферат ба талаботи муаяйншуда ҷавобгӯ мебошад.

Аз мутолиаи автореферат маълум мегардад, ки дар матни чопии он баъзе аз норасоиҳои ҷузъӣ, мисли хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, аммо ин норасоиҳо ба мазмун ва арзиши илмии автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Аз ин рӯ, автореферати диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи « ***Модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон.***», ***барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)*** й таҳқиқоти илмии пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои банди 54 ва 84-и Тартиби додани дараҷаҳои илмии Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои сотсиологӣ
Муаллими калони ДМТ **Шоев Н.С.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** nematullo.shoyev@mail.ru
**Тел.:** (+992) 906113811

**Имзои н.и.с, М/к Шоев Н.С.-ро**
**тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**

21. 11. 2023

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** tnu.int.re@gmail.com
**Веб-сайт:** www.tnu.tj
**Тел.:** (+992 37) 221-77-11; 221-47-96